«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_______________ Раҳмон Д.С.
«____» _____________ соли 2022

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба кори диссертатсионии унвонҷӯ Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ)

Сафаров Зулфиқор Азаматович, соли таваллудаш 1992, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014 факултети менеҷменти молиявӣ ва инноватсионии Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси иқтисод ва идора дар корхона хатм намудааст.

Аз 01.12. 2019. то 30.08.2020 и.в. мудири кафедраи молия ва қарз ва аз 01.09.2022 то инҷониб ба сифати ҷонишини декан оид ба таълими фосилавии факултети молиявию иқтисодӣ кору фаъолият менамояд.

**Роҳбари илмӣ:** Файзулло Машраб Қурбоналӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Рушд бахшидани низоми таълим, аз ҷумла таҳсилоти олии касбӣ, тайи даҳсолаи охир ба ҳайси яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи соҳаи маорифи кишвар эътироф шудааст. Қобили зикр аст, ки баъзе масоилу мушкилот дар ин самтислоҳот ва навгониро тақозо намуда, бевосита ба татбиқи барномаҳои инноватсионӣ марбутанд. Ҳукумати мамлакат баҳри рушди иқтисодиёти инноватсионӣ, системаи миллии инноватсионӣ рушди соҳаи маорифро дар мадди аввал қарор додааст, зеро ин самт ҷузъи асосии пешбарандаи ҷомеа, рушдбахшандаи соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, дар шароити кунунӣ зарурати рушди фаъолияти инноватсионӣ, ташаккули иқтидори инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба як қатор тамоюлу мушкилоти марбут ба самти

таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаи охир алоқаманд мебошанд.

Дигаргуншавии вазъи иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро водор месозад, ки самти фаъолияти худро таҷдид намуда, фаъолияти инноватсиониро рушд диҳанд ва бо истифода аз зарфияти мавҷудбуда иқтидори инноватсиониро ташаккул диҳанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки саҳми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар рушди устувори иқтисодиёт, ташаккули системаи миллии инноватсионӣ, рақобатпазирии маҳсулот, омодасозӣ ва пешниҳоди кадрҳои соҳибтахассус назаррас нестанд, зеро ваъзи нишондиҳандаҳои арзёбии иқтидори инноватсионии онҳо дар шароити имрӯза ба онҳо имкон намедиҳад.

**Дараҷаи татбиқ ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияву семинарҳои илмӣ ва илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб дар давраи солҳои 2015-2021 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро** корҳои таҳқиқотии дар назди кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ суратгирифта ташкил медиҳад.

**Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Таҳқикоти илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмиллалӣ ва семинарҳои илмию амалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб аз тарафи унвонҷӯ (2015-2021) мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Ҷанбаҳои алоҳидаи назариявӣ ва тавсияҳои методии диссертатсия дар паркҳои технологӣ ва шуъбаю раёсатҳои илм ва инноватсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин, дар раванди таълими фанҳои “Менеҷменти инноватсионӣ”, “Иқтисодиёти соҳаи маориф”, курсҳои махсуси “Лоиҳаҳои инноватсионӣ” метавонанд истифода шаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба асосҳои назариявию методологии ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурурӣ асос ёфта, коркарди пешниҳодҳои методию амалиро оид ба муайянсозии вазъи кунунии иқтидори инноватсионӣ, омилҳои ба он таъсиркунанда, усулҳои арзёбӣ ва самтҳои рушди иқтидори инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фарогир мебошад. Дар раванди таҳқиқот натиҷаҳои зерини дорои навгонии илмӣ ба даст омадаанд:

- моҳияти иқтисодии иқтидор, инноватсия ва иқтидори инноватсионӣ муайян гардида, сохтори иқтидори инноватсионӣ бо назардошти ҷузъҳои захиравӣ, функсионалӣ ва сохти зинанизомӣ дар МТОК муайян карда шуданд;
- вазъи кунунии иқтидори инноватсионии МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ҷузъҳои захиравии иқтидори инноватсионӣ (иқтидори кадрӣ, молиявӣ, моддӣ-техникӣ, инфрасохторӣ ва нуфузӣ) ва маҷмӯи таҳдиду хатарҳое, ки ба амалишавии имкониятҳои инноватсионнии мактаби оли монеа мешаванд, муайян гардид;
- арзёбии маҷмӯии иқтидори инноватсионии МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи вазъи муосири ҷузъҳои захиравии онҳо (аз рӯи самти фаъолият ва таъминоти захиравӣ) бо истифода аз 7 принсипи МТОК-и инноватсионӣ (бо назардошти тағйиру иловаҳо) гузаронида шуд. Иқтидори инноватсионии МТОК-и ҷумҳурӣ дар баробари дигар таъминоти захиравӣ (кадрӣ, молиявӣ, моддӣ-техникӣ) аз рӯи нишондиҳандаҳои иқтидори инфрасохторӣ ва иқтидори нуфузӣ, арзёбӣ карда шуда, ба ин васила рейтинги МТОК низ муайян карда шуд;
- масоили тиҷоратикунонии НФИТ-и МТОК ошкор карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод гардида, омилҳои ба раванди тиҷоратикунонии НФИТ таъсиркунанда муайян карда шуданд;
- муайян карда шуд, ки барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ дар пойгоҳи МТОК таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ зарур аст, зеро он имконияти таъмини шароити самаранок ҷиҳати ба даст омадани натиҷаҳои баланди фаъолияти илмӣ – тадқиқотиро дорад;
- шаклҳо ва усулҳои самарабахши механизмҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар МТОК асоснок ва таҳия карда шудаанд. Инчунин зарурати дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионии МТОК тавассути татбиқи механизмҳои гуногун ба монанди ҳамкориҳо дар доираи ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ ва модели “спирали сегона” муқаррар карда шудааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои иттилоотии диссертатсия асарҳои илмии олимони ватанию хориҷии марбут ба мавзуи таҳқиқот, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳо аз Раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи таҳлилии муассисаи давлатии Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи раёсат, шуъбаҳои илм, инноватсия ва марказҳои моликияти зеҳнии МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди инноватсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои 2011-2020, маҷмуи қонунҳо ва

санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳо аз сомонаҳои интернетӣ ва коркардҳои шахсии муаллиф истифода шудаанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он инъикос меёбад,** ки тавсия ва хулосаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашударо дар фаъолияти амалии паркҳои технологии МТОК-и ҷумҳурӣ, таҳияи нақшаи дурнамои инноватсионӣ, лоиҳаҳои инноватисонӣ, таъсиси корхонаҳои хурди инноватсионӣ дар пойгоҳи МТОК, рафъсозии саривақтии омилҳои ба ташаккулёбии иқтидори инноватсионӣ таъсиркунанда ба таври васеъ истифода намудан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар коркарди лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмӣ ва (ё) илмию техникӣ" пешниҳод ва ба инобат гирифта шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат менамояд: 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илмии мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усуслҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 1.7. Хусусиятҳо ва мушкилоти таъсисдиҳии корхонаҳои хурди инноватсионӣ дар пойгоҳи ташкилоти буҷавии илмӣ ва таълимӣ; 1.9. Баҳодиҳии неруи инноватсионӣ дар низомҳои иқтисодӣ; 1.23. Назария, методология ва усулҳои баҳодиҳии самаранокии барномаҳо ва лоиҳаҳои инноватсиониву маблағгузорӣ; 1.26. Коркарди методологияи идоракунии моликияти зеҳнӣ ва усулҳои баҳодиҳии арзиши қисми зеҳнии маҳсулоти инноватсионӣ.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни рисола дар 200 саҳифаи чопи компютерӣ, ки шомили 19 ҷадвал, 3 диаграмма ва 12 расм аст, таҳия шудааст.

**Рӯйхати корҳои нашршуда вобаста ба мавзуи рисолаи илмӣ:**

**Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Сафаров З.А. Мафҳум, моҳият ва аҳамияти иқтидори инноватсионии МТОК // Паёми ДМТ. – Душанбе 2018, № 5- С.132 –137

[2-М]. Сафаров З.А. Рушди иқтидори зеҳнӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми ДМТ. - Душанбе 2018, № 7 - С.91 – 96.

[3-М]. Сафаров З.А. Рушд ва тадбиқи иқтидори инноватсионӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли иқтидори кадрии мактабҳои олӣ) // Паёми ДМТ. - Душанбе 2018, - № 8 – С.91 – 96.

[4-М]. Сафаров З.А. Каримов Г.У., Файзиддини З., Зарурияти рушди инноватсионии соҳаи маориф ва сохтори иқтидори инноватсионии МТОК // Паёми ДМТ. – Душанбе 2020 - №6. С.63–68.

**Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

[5-М]. Сафаров З.А. Нақши иқтидори инноватсионии МТОК дар баландбардории рушди инсонӣ/ Маводи конфронси илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди иқтисодии Тоҷикистон ҳамчун омили баландшавии некуаҳволии аҳолӣ». - Душанбе ҶДММ «Эр - граф» 2016. С. 197 – 201.

[6-М]. Сафаров З.А. Сущность и значение инновационного потенциала вуза и методы его оценки/ Материалы международной научно – практической конференции «Роль интеграции науки, инновации и технологии в экономическом развитии стран», «Кайхон», Душанбе 2016. С.235 –240.

[7-М]. Сафаров З.А., Кабутов К.Р., Инновационный потенциал вуза и методические основы его оценки/ Вестник Технологического университета Таджикистана. Душанбе - «Баҳманруд» 2016 - 1 (26). С.181 – 188.

[8-М]. Сафаров З.А. Моҳият ва зарурияти рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Маводи конфронси илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе 2017. С.195 –198.

[9-М]. Сафаров З.А. Тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ – таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ”, Кӯлоб 2020. С. 500 – 502.

[10-М]. Сафаров З.А., Рустамова Г.Н., Ашурова Д.Х. Дастгириҳои давлатии иқтидори илмӣ-инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олӣ/Маҷаллаи илмӣ-оммавии “Илм ва технологияи асри XXI” – и Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб. Кӯлоб 2020 - № 3 (3). С. 116 – 121.

Аз натиҷаи баррасии пешакии тадқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Сафаров З.А. дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чунин

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Баромади Сафаров З.А. дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси

08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ), хулосаи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло М.Қ. ва арзёбии баромадкунандагон – номзадони илмҳои иқтисодӣ Мирсаидов Муҳаммаднаим ва Маҳмудов Баҳриддин ба инобат гирифта шавад.

2. Диссертатсияи Сафаров Зулфиқор Азаматович, ки дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06–Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.02–Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ) пешниҳод шудааст, кори баитмомрасидаи илмӣ ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ карда мешавад.

3. Диссертатсияи Сафаров З.А. дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06–Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ), бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида, ба экспертизаи даври дуюм ва Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062-и назди Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Протоколи №_1_ аз «_29_»_08_ соли 2022 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: «тарафдор» – 19 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа,
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент,
мудири кафедраи молия ва қарзи
ДДК ба номи А.Рӯдакӣ — Комилов Н.Б.

Котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи
молия ва қарзи ДДК ба номи А.Рӯдакӣ — Тешаев М.С.

«Имзоҳои Комилов Н.Б ва Тешаев М.С.-ро тасдиқ менамоям».

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А.Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.